# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ОИД БА АЗАМАТ ВА ШУКӮҲИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Submitted by Ҳайати тадорукот on 30 September, 2022 - 06:15
[1]

**Муҳаммадҷонзода Олимҷон Обидҷон**
**Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Бебаҳотарин ва нодиртарин забони бостонии давлатдорӣ ва адабиёти бадеӣ, илму ҳикмати

азалӣ дар таърихи олами башарӣ забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Он азамату ҷалоле, ки Оли Сомон ва давлати Сомониён дошт, маҳз, аз баракати забони дарии тоҷикӣ буд, ки илму фарҳанг ва давлату давлатдории тоҷикон ва симои маънавии халқи тоҷикро бо тамоми шоистагиаш ба олами асримиёнагӣ муаррифӣ кард. Шиносномае, ки халқу миллат ва фарҳангу тамадуни онро ба ҷаҳониён муаррифӣ мекунад, маҳз забони ӯст. Ин забон аз қадимулайём дар ҷаҳон густариши васеъ дошта, забони фарҳангу адаб, савдову тиҷорат ва муоширату гуфтушуниди дипломатии Осиёи Марказӣ буд. Забони тоҷикии дарӣ чун шиносномаи Сомониёни тоҷикзабон, дар арсаи сиёсат, давлату давлатдорӣ, фарҳанг ва маънавиёти тоҷикон дар таърихи башарият азамату шукӯҳи давлатдорӣ ва фарҳанги беназири тоҷиконро ба олами башар муаррифӣ кард.

Забони тоҷикии дарӣ, ба ҳайси забони расмии давлати абарқудрати Сомониён ҳамчун забони байналмилалии ҷаҳони асримиёнагӣ зиёда аз ҳазор сол Шарқи маънавиманишро бо Ғарби моддигаро мепайваст ва асрҳо чун забони кории Роҳи Абрешим хизмат намуда, он рисолати забони муоширати байналмилалиро ба ҷо меовард, ки дар ҷаҳони муосир забонҳои англисӣ, русӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, испанӣ ва арабӣ ба дӯш доранд.

Муддате мадид сангарҳои сунъии сиёсии онзамона садди пешравӣ ва азамату партавафшонии хуршеди оламгири забони тоҷикӣ гашта, чун абри тираву тор болои ин забони куҳанбунёди соҳибрисолатро гирифта буд. Ин забон ҳамеша қудрати ҳифз ва нигаҳдории истиқлолият ва ҳувияти худро дошт. Хушбахтона, бо тулуи хуршеди Истиқлол ва истиқрори давлати мустақили Тоҷикистон забони тоҷикӣ ҷавҳари маънавии худро таҷдид ва эҳё намуд ва бо ноил гардидан ба мақоми забони давлатӣ, ба иборае нафаси тоза кашид.

Сардафтари адабиёти миллии муосири тоҷик, устод Садриддин Айнӣ, ки аҳаммияти мақом ва мартабаи забони миллиро дар ташаккули давлати миллӣ хеле хуб дарк мекард, бо шуҷоати том дар оғози даврони шуравӣ адабиёти оламшумули тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ кард ва китоби безаволи «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро нашр намуда, овози тоҷикро ба гӯши оламиён расонид. Муддате баъд фарзанди барӯманд ва фарзонаи тоҷик, академик Бобоҷон Ғафуров китоби «Тоҷикон»-ро дар ду ҷилд таълиф намуда, таърихи чандинҳазорсолаи тоҷиконро чун миллати куҳанбунёд ва бумии Осиёи Миёна ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд. Вақте масъалаи вуҷуд ва бақои минбаъдаи миллатро таърих дар охири асри XX мубрам гардонид, вориси алломагону фарзонагон Исмоили сонӣ ва сиёсатмадори нотакрори арсаи ҷаҳонӣ, Асосгузории сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози асри наву ҳазораи нав, яъне дар ибтидои ҷаҳони муосир зербинои давлати тоҷиконро асос гузошта, сулҳу Ваҳдати миллӣ ва сарҷамъиву амният ва суботи кишварро таъмин бахшид. Ин буд, ки миллати пошхӯрда сарҷамъу муттаҳид, давлати мустақили Тоҷикистони муосир эъмор гардида, аз кишвари ақибмондаи дастнигари кумакҳои башарӣ ба як ҷумҳурии пешрафтаи аграрӣ ва саноатӣ мубаддал шуд.

Агар бузургони пешин, устодон Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров ба адабиёту таърихи пурфарозу оламгири тоҷикон арҷгузорӣ карда, онро ҳамчун мероси аслии миллат рӯнамоӣ карда бошанд, дар пайомади эшон, абармарди арсаи сиёсат, илм ва фарҳангу иқтисоди мустақил ва худогоҳи воқеии миллии тоҷикон – Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст ба Модар – Ватан ва азамати забони модарии тоҷикӣ, ҳамчун ба Модар – сарчашмаи ҳамешазиндаи ҳаёт аҷргузорӣ кард ва мақому мартабаи онро дар арсаи байналмилалӣ дар байни зиёда аз 200 кишвари олам ва минҷумла, сайёра баланд бардошт. Ва чуноне ки имрӯз ҳамагон шоҳиди ҳоланд, забони тоҷикӣ дар симову ҳузури муборак ва лаҳни гуворои Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари олии Созмони Милали Муттаҳид ва дигар минбарҳои сатҳи сиёсиву фарҳангии башарӣ садо медиҳад.

Боиси фараҳмандӣ ва сарбаландиву хушнудии тамоми тоҷикон ин аст, ки имрӯзҳо Тоҷикистони моро тамаддунҳои пешрафтаи муосири олами башарӣ, ба ҳайси як ҷумҳурии ҷавону соҳибистиқлол ва мутамаддини дорои неъмати бебаҳои сулҳу субот, ваҳдату ягонагӣ, якпорчагӣ ва соҳибқудрат дар пешравиҳои нав ба нави сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмиву фарҳангӣ ва ахлоқиву маънавӣ мешиносанд. Боиси ифтихормандиву шукргузорӣ, таҳсину миннатдорӣ ва хушнудии мост, ки бо ин ҳама заҳматҳои зиёде дар риштаи сиёсат ва эъмори иқтисодиёту иҷтимоиёт ва рушди илму фарҳанг ва болоравии сатҳи маънавии ҷомеаи Тоҷикистони соҳибистиқлол, Пешвои муаззами миллат – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ин ҳама кӯшишҳои пайгирона дар давлату фарҳанг, миллату маънавият сохтанҳо, аз аввалин рӯзи амалашон ба ҳайси як Пешвои воқеии миллат, таълифоту пажуҳиши зиёди илмиро баҳри бедории тафаккури худшиносии миллӣ ва худогоҳиву меҳанпарастии азалии мардуми азизи худ ва арҷгузории

забони модарии хеш, забони давлату давлатдории тоҷикон, онро дар арсаи ҷаҳон ба оламиён ба таври сазовор шиносониданҳоро анҷом дода, дасти муборак ба эҷоди асарҳои илмии бунёдӣ дар риштаи таърих, сиёсат, иқтисодиёту иҷтимоиёт, ахлоқу маърифат, ҳуқуқ, танзими расму оин ва суннатҳои миллӣ, эҳёи фарҳангу ҳунари мардумӣ, дину мазҳаб, фарҳангу адаб ва забони модарии тоҷикӣ доранд. Фикру зикри Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба масъалаҳои осоиштагиву амнияти ҷомеа, беҳдошти вазъи моддиву маишии мардум, худогоҳиву хуштаншиносӣ, ҳаммарзи Модар – Ватан аст ва таъмини мардум бо ҷойҳои нави корӣ ва рушду такомули илму фарҳанг дар кишвар ба шумор меравад.

Пешвои миллат дар Паёми хеш, ки дар вохӯриашон бо зиёиёни кишвар дар оғози соли 2020 иқдоми таҳсинафзоеро пеш гирифта, супориш карданд, ки ба муносибати ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби захираи эҳтиётии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар як хонадони тоҷику тоҷикистонӣ китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров тақдим карда шавад.

То ба имрӯз бо қалами мубораку тафаккури камназири абармарди оламшумули муосири мо, тоҷикон – Пешвои миллати тоҷик, Қаҳрамони миллат ва Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як идда асарҳои мондагору пурарзиш ва пурқимате ба табъ расонидаанд, ки ин амал бори дигар шаҳодатгари шахсияти нодиру нотакрор, дилогоҳу мутафаккир ва ҳакиму донишманд будани Пешвои муаззами миллат, далели собити азму иродаи қавӣ дар ҳифзи номус, ҳувият ва худогоҳии миллии мардуми Тоҷикистон ва тоҷикони дунё, заҳматҳои холисонаи ӯ ҳам бо сухан, ҳам бо қалам ва ҳам бо тафаккуру шуҷоат баҳри бедории андешаи хештаншиносии миллӣ мебошанд.

Асарҳои мондагору безавол, арзишманду бунёдии Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих», китоби якум (Аз Ориён то Сомониён); «Тоҷикон дар оинаи таърих», китоби дуюм (аз Ориён то Сомониён); «Тоҷикон дар оинаи таърих», китоби сеюм (аз Ориён то Сомониён); «Тоҷикон дар оинаи таърих», китоби чорум (аз Ориён то Сомониён); китоби «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ»; «Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ»; «Чеҳраҳои мондагор»; асари бунёдии илмии «Забони миллат – ҳастии миллат» (китоби якум); «Забони миллат – ҳастии миллат» (китоби дувум) боз даҳҳо асару мақолаҳои дигар дар бораи дину ахлоқ, маънавиёт ва сиёсату иқтисодиёт ба хазинаи тиллоии фарҳангу миллати тоҷик ворид гардида, ба дили хонандаи имрӯза, аз олиму сиёсатмадор то деҳқону коргар роҳ ёфта, рисолати роҳнамои миллат ба роҳи фардои дурахшон буданро касб кардаанд.

Гузашта аз ин, Паёмҳои Асосгузории сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар тули зиёда аз 30 соли соҳибистиқлолии Тоҷикистон мардуми кишвар бесаброна пазирой менамояд, самтдиҳандаи сиёсат, амнияту субот, иқтисодиёту иҷтимоиёт, илму фарҳанг ва ҳаёти ҳаррӯзаи миллат мебошанд ва як навъ оинаи тамомнамоеанд, барои шинохти аслу пайванди хеш, хештаншиносӣ ва дарки масъулияту ватандӯстӣ ва ҷойгоҳу мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни давлатҳо ва тамаддунҳои олами муосир.

Асари бағоят мондагору муҳим ва бунёдии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, китоби дуюми «Забони миллат – ҳастии миллат», ки ба ифтихор 30-солагии ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5500-солагии Саразми бостонӣ ба табъ расида, ҳамчун армуғони идона дар арафаи ҷашни Рӯзи забони давлатӣ ба миллати тоҷик пешкаш гардид, баёнгари таърихи пуршараф ва ҳашамати нотакрор, мақом ва манзалати бузургии илмию фарҳангии забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ ва нишонаи асосии миллат будани он буда, инқилоби фикриест, ки дар соҳа ворид намудааст.

Ба масъалаи забон рӯй овардани Пешвои миллат ва Сарвари давлат бесабаб нест. Ва чуноне ки худи муаллифи асари арзишманду бунёдии илмӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ишора намудаанд: «Бақои тоҷик, забони тоҷик аст, яъне забони ноби тоҷикӣ. Танҳо забон аст, ки дар ҳама давру замон таърихи воқеӣ ва ростини миллатро дар ҳифозаи худ нигоҳ медорад. Фарҳанги беназиру оламшумули тоҷикон ва адабиёти пурғановати зиёда аз ҳазорсолаи тоҷикон, ки қалбҳои аҳли назар ва фаҳму фаросати ҷаҳонро тасхир кардааст, маҳз бо ҳамин забон, яъне забони тоҷикӣ навишта ва эҷод шудаанд».

Мояи ифтихору сарбаландии мо тоҷикони асри XXI аст, ки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз шахсан, пуштибону ҳомии забони тоҷикӣ мебошанд. Ва забонро ба ҳайси рукни асосии бинои ҳастии миллат ва устувориву будубоши давлат, ҳамчун муқаддасоти миллат арҷ мегузоранд, ки ин, пеш аз ҳама, барои мо рушанфикрону аҳли илму фарҳанги ҷумҳурӣ боиси ифтихор ва сарбаландию пайравист.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки шахсияти эшон ба ҳайси сиёсатмадори воқеии донову оқил, мушфиқу меҳрубон ва мутафаккири арсаи илмиву сиёсӣ ва шахсияти шинохташудаи байналмилалӣ дар тамоми олами муосир эътироф ва шинохта шудааст, нисбат ба забони модарии хеш - забони тоҷикӣ муҳаббати беандоза доштанашон ҳам дар байни ҷомеаи кишвар ва берун аз он, дар тамоми ҳавзаҳои тоҷикнишини олам ва форсизабонони ҷаҳон эътироф шудааст. Таълифи асари калонҳаҷми дуҷилдаи беназири «Забони миллат – ҳастии миллат» ҳам натиҷаи муҳаббатҳои беандозаи Президенти кишвар нисбат ба забони модарӣ мебошад.

Дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистони азиз бо кӯшишҳои пайдарпайи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии забони тоҷикӣ ба куллӣ дигар шуд. Бо дарки муҳимтарин ва умдатарин масъала, яъне хусусияти муттаҳидгардонӣ ва ваҳдатофарии забон Роҳбару садри аъзами давлат онро ҳамчун як рукни устувору побарҷои давлатдории навини тоҷикон эътироф намудаанд, ки он аз азамату ҷалол ва иқтидору нерую тавоноии забони тоҷикӣ сарчашма мегирад. Пешвои миллат дар таълифоти илмию таҳқиқотиашон, ба хусус, дар асари дуҷилдаи эшон «Забони миллат – ҳастии миллат» муҳимтарин масъалаҳои миллат ва забонро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд ва иртиботи бевоситаи ин ду рукни муҳимми миллатсоз ва давлатсозро пайваста таъкид месозанд.

Ҳамзамон, Пешвои муаззами миллат дар асари мазкур дар баробари баррасии масоили марбут ба забоншиносӣ доир ба вазъи сиёсию иҷтимоӣ, давлатдории сулолаҳои гуногуни асрҳои мухталиф аз замони Ҳахоманишиён то Ғазнавиён (китоби якум) ва аз суқути Ғазнавиён то давлатдориҳои гуногуни ибтидои асри ХХ (китоби дуюм) маълумоти амиқи таърихӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода, дар он нуктаҳо ва саҳифаҳои номакшуфи таърихи халқи тоҷикро баён намудаанд.

Ҳамчунин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби мазкур перомуни ҳаёт ва эҷодиёти адибони барҷастаи миллати тоҷик аз замонҳои қадим то ибтидои асри ХХ маълумоти муҳимми илмиро рӯйи кор овардаанд, ки он ба таҳлилҳои илман асоснок, бо диди нави академӣ ва усулҳои нави таҳқиқ аз дигар асарҳо фарқ мекунад. Китоби мазкур саҳифаҳои наверо доир ба ҳаёт ва фаъолияти адибони давраҳои гуногуни таърихи адабиётамон бозгӯ намуда, намунаи барҷастаи таҳлилҳои адабиётшиносӣ дар замони муосир ба шумор меравад. Ин китоб барои таърихнигорон, адабиётшиносон, забоншиносон, сиёсатшиносону ҷомеашиносон манбаи муҳимми илмӣ ва барои аҳли илму маорифи кишвар воситаи беҳтарини таълимию тарбиявӣ ба ҳисоб меравад.

Мусаллам аст, ки пас аз хомӯшӣ ва сукуту таҳаммули тулонии зиёда аз ҳазор сол хуршеди азамат ва ҷалолу шукӯҳи забони тоҷикӣ, дар арсаи сиёсати ҷаҳонӣ, ки дар аҳди Оли Сомон партавафшон буду нурҳои зиёбахши он аз Мағриб то ба Машриқ, аз Ироқу Аҷам то ба Чин ва аз Мовароунаҳру Хуросон то ба Ҳинд равшангари маърифат ба шумор мерафт, боз бо фазилати қудуми муборакі Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, бунёдгузори давлати навин, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистони соҳибистиқлол тулуи тоза кард. Бигзор ин тулуи хуршеди забон тулуи беғурубу ҷовидона бошад ва ҳумои толеи ин миллату забон, дар каронаи фазои сиёсии ҷаҳон дар парвози бегазанд ва пуравҷ бошад.

Маҳз бо пайгириҳо ва кӯшишҳову ибтикори бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2012-2016 таҳия ва қабул гардид, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, соли 2008 - Соли забони тоҷикӣ эълон гардид ва ҳамасола рӯзи 5-уми октябр таҷлил намудани Рӯзи забони давлатӣ (тоҷикӣ)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даромад, ки ҳамаи ин тадбирҳо, дар маҷмуъ, дар ҷумҳурии тозаистиқлоли мо барои рушду нумуъ ва ривоҷу равнақи ҳаматарафаи забони тоҷикӣ фазои басо муносиби сиёсиву маъмурӣ ва фарҳангию маънавӣ ва маърифатиро фароҳам сохт.

Боиси ифтихору пайравии ҳамаи мо – тоҷикону тоҷикистониён ва тамоми тоҷикони ҷаҳон аст, ки Роҳбари давлат ва Пешвои миллат, азизи тоҷикон имрӯз, шахсан, пуштибону ҳомии забони модарии мову шумо, яъне забоне, ки бо он «Авасто» нахуст навишта шуда, бо он «Бӯйи ҷӯи Мулиён»-у кулли осори Одамушшуаро Рӯдакӣ навишта шуд, бо он «Шоҳнома»-и Фирдавсиву «Хамса»-и Низомӣ ва «Ҳафт Авранг»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва «Маснавии Маънавӣ»-и «Девони Шамс»-и Мавлонои Балхӣ навишта шуд, бо он осори Ибни Сино ва осори Саъдиву Ҳофиз ва зиёда аз ҳазору чаҳорсад адибу мутафаккири шаҳири тоҷик навишта шуд, ки ҳомии забони тоҷикӣ ҳастанд.

Забони адабии тоҷикӣ маҳз ба шарофати соҳибистиқлолӣ ва ғамхориву пуштибонии бевоситаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аз муҳити хонавода ва муҳовараю муоширати маҳдуд берун омад. Имрӯз садои забони дарии тоҷикӣ дар тамоми ақсои олам танинандоз аст ва ба ҳайси як забони давлатӣ қудрату тавоноии худро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иқтисодию сиёсӣ, илмиву маърифатӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ ба ҷилва овард.
Маҳз, ба шарофати суханрониҳои фасеҳу гувории Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон доманаи корбурди сиёсии забони тоҷикӣ фарох гардида, зарфиятҳои он дар ифодаи муҳимтарин матлабҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву маънавӣ ба кор даромаданд. Устоди зиндаёд академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ ба забондонӣ, суханронӣ, ақлу заковат ва наттоқонаву воизона ҳарф задан, бо фасоҳату балоғати том сухан кардану лутф намудани Пешвои миллатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо ихлос ва эҳтироми бепоён арҷгузорӣ намуда, дар яке аз навиштаҳояшон таъкид карда буданд, ки: «Ҷаноби Олӣ – Президенти кишвар бевосита дар бораи забони модарӣ ва азиз доштани он суханҳое гуфтанд, ки банда дар ин умри худ, дар ин умри дарозу тулониам аз ҳеҷ як сарвари Тоҷикистон нашунидаам. Агар Сарвари кишвар нисбат ба забон ва фарҳанг бо чунин ҳақшиносӣ сиёсат пеш бигирад, шак нест, ки аз ҳалли душвортарин масъалаҳои рушди ҷомеаи навини тоҷикон умед метавон кард».
Забони модарӣ сарчашмаи ифтихори миллат ва пояи устувори давлатдорист. Забони модариро ҳамеша азизу гиромӣ ва пос доштан як рукни имон ва қарзи шаҳрвандии ҳар фарди соҳибдил ва бонангу номус аст.

**Адабиёт:**

1. Абаев В.И. Историко-этимологический словарь осетинского языка: Том 1./В. Абаев. – М.-Л.: Изд. акад. наук СССР, 1958. – 655 с.
2. Расторгуева В. С. Эдельман Д. И. Этимологический словарь иранских языков. Т.2./ В. Расторгуева.-М.: Восточная литература, 2003. – 502 с.
3. Раҳмон Эмомалӣ. Забони миллат – ҳастии миллат./ Эмомалӣ Раҳмон.– Душанбе: Эр-граф, 2016. – 432 с.
4. Раҳмон Эмомалӣ. Забони миллат – ҳастии миллат./ Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2020. – 432 с.
5. Саймиддинов Додихудо.- Форсии бостон./ Д. Саймиддинов.–Душанбе, Пайванд, 2007. – 190 с.
6. Шакурии Бухороӣ Муҳаммадҷон. Забони миллӣ ва ҷаҳонгароӣ. /М. Шакурӣ– Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 120 с.

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ ОИД БА АЗАМАТ ВА ШУКӮҲИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур фикру андешаҳои муҳаққиқону донишмандони варзидаи ҷумҳурӣ нисбат ба асари безавол ва бузургқомуси миллии тамаддунсози асрҳо ва замонҳо – «Забони миллат – ҳастии миллат», ки ба қалами Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мансуб аст, мавриди баррасии муаллиф қарор гирифтааст. Чи тавре ки аз муҳтавои навиштаҳои илмии муҳаққиқони риштаи забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва таърихи фарҳанги ҷумҳурӣ бармеояд, ки асари тозанашри дуҷилдаи мазкур дар ҳавзаи илмии муҳаққиқон ва дар доираи аҳли зиё мақому манзалати беназир касб намудааст.
Китоби «Забони миллат – ҳастии миллат» дар баробари «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Садриддин Айнӣ ва китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров асари нодири таҳқиқотӣ, бузургтарин сарчашмаи муътамадест, ки дар он таърихи зиёда аз 3500 – солаи забон, адабиёт, таърих, фарҳангу тамаддуни тоҷикон мавриди таҳқиқ ва баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтааст ва дастагули муаттарест ба тамоми аҳли зиё, бедордилони кишвару посдорандагони забони модарӣ, фарзандони асили Ватани азизамон.
Ҳамчунин, дар мақола оид ба нақши Пешвои миллат дар баланд бардоштани мақому мартабаи забони модарии тоҷикӣ дар арсаи байналмилалӣ дарҷ гардидааст ва таъкид мешавад, ки агар бузургони пешин- устод Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров ба адабиёту таърихи пурфарозу оламгири тоҷикон арҷгузорӣ карда, онро ҳамчун мероси аслии миллат рӯнамоӣ карда бошанд, дар пайомади эшон, абармарди сиёсат, илм ва фарҳангу иқтисоди мустақил ва худогоҳи воқеии миллии тоҷикон – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст ба Модар – Ватан ва азамати забони модарии тоҷикӣ ҳамчун ба Модар – сарчашмаи ҳамешазиндаи ҳаёт арҷгузорӣ карда, мақому мартабаи онро дар арсаи байналмилалӣ дар байни зиёда аз 200 кишвари олам ва минҷумла, сайёра баланд бардоштаанд. Ва чуноне ки имрӯз ҳамагон шоҳиди ҳоланд, забони тоҷикӣ дар симову ҳузури муборак ва лаҳни гуворои

Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари олии Созмони Милали Муттаҳид ва дигар минбарҳои сатҳи сиёсиву фарҳангии башарӣ садо медиҳад.
Калидвожаҳо: забони тоҷикӣ, забони давлатӣ, мақоми забони миллӣ, сиёсати давлатии забон, Пешвои миллат, рушди забон, истиқлоли забонӣ.

**ЛИДЕР НАЦИИ О ВЕЛИЧИИ И СЛАВЕ ТАДЖИКСКОГО  ЯЗЫКА**

В данной статье собраны воззрения и взгляды ведущих исследователей и учёных страны в отношении национальной энциклопедии цивилизаций веков и эпох – книги «Язык нации — сущность нации», принадлежащей перу Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона. Этот труд основан на фундаментальных научных трудах исследователей в области лингвистики, литературы, истории и культуры страны, и этот недавно опубликованный двухтомник приобрел уникальный статус в научном кругу исследователей и представителей интеллигенции.
Автор подчеркивает, что книга «Язык нации — сущность нации» наряду с книгой «Образцы таджикской литературы» устода Садриддина Айни и «Таджики» Бободжона Гафурова — представляет собой уникальный исследовательский труд, величайший достоверный источник, в котором воссоздана ретроспектива развития более 3500 летней истории таджикского языка и ее литературы, истории, культуры и цивилизации страны. Если великие представители нации — устод Садриддин Айни и Бободжон Гафуров — отдавали дань уважения богатой и универсальной таджикской литературе и истории и представляли её, как настоящее наследие нации, то — Лидер нации уважаемый Эмомали Рахмон, в первую очередь, воздал должное Родине и величию родного таджикского языка как Матери — вечного источника жизни, подняв его статус на международный уровень среди более чем 200 стран мира.
Также автор отобразил роль Лидера нации в повышении статуса таджикского языка на международной арене, и мы сегодня видим, что таджикский язык звучит из уст Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона с высокой трибуны ООН и других политических и культурных трибун.
Ключевые слова: таджикский язык, государственный язык, статус титульного языка, государственная языковая политика, Лидер нации, развитие языка, языковая независимость.

**THE LEADER OF THE NATION ACCORDING TO GREATNESS OF TAJIK LANGUAGE**

This article contains the opinions and views of the country's leading researchers and scientists regarding the national encyclopedia of civilizations of centuries and epochs – the book "The Language of the Nation — the essence of the nation", written by the Leader of the nation, respected Emomali Rahmon. This work is based on the content of scientific works of researchers in the field of linguistics, literature, history and culture of the country, and this recently published the two-volume book has acquired a unique status in the scientific circle of researchers and among representatives of the intelligentsia.
The author emphasizes that the book "The language of the nation is the essence of the nation" along with the book "Samples of Tajik literature" by Ustod Sadriddin. Aini and "Tajiks" by Bobojon Gafurov is a unique research work, the greatest reliable source in which more than 3,500 years of the history of the Tajik language, literature, history, culture and civilization of the country are studied and discussed. If the great people of the past — ustod Sadriddin Aini and Bobojon Gafurov — paid tribute to the rich and universal Tajik literature and history and presented it as the real heritage of the nation, then the Leader of the nation, respected Emomali Rahmon, first of all, paid tribute to the Motherland and the greatness of the native Tajik language as the Mother — eternal source of life, raising it status in the international arena among more than 200 countries of the world.
The author also reflected the role of the Leader of the nation in raising the status of the Tajik language in the international arena and today we see that the Tajik language sounds from the mouth of the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, the respected Emomali Rahmon from the high rostrum of the UN and other rostrums of the political and cultural level.
Keywords: Tajik language, state language, status of title language, state language policy, Leader of the nation, language development, national independence.

Маълумот дар бораи муаллиф: Муҳаммадҷонзода Олимҷон Обидҷон – доктори илмҳои филологӣ, профессор, раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Нишонӣ: ш. Душанбе, к. Беҳзод 25. Тел.: 918850046;
E-mail: olimjonmuhammadjon@gmail.com [2].
Сведения об авторе: Мухаммаджонзода Олимджон Обидджон – доктор филологических наук, профессор, председатель Комитета по языку и терминологии при Правительстве Республики Таджикистан.
Адрес: 734013 г. Душанбе, ул. Бехзод 25. Тел.: 918850046;
E-mail: olimjonmuhammadjon@gmail.com [2].
Information about the author: Muhammadjonzoda Olimjon Obidjon – Doctor of Philological Sciences, Professor, Chairman of the Committee on Language and Terminology under the Government of the Republic of Tajikistan.
Adress: 734013 Dushanbe, Behzod Str. 25. Tel.: 918850046;
E-mail: olimjonmuhammadjon@gmail.com [2]

**Content rating:** 5

Average: 5 (5 votes)

Rate

**Source URL:** http://kumitaizabon.tj/en/node/6878?mini=2025-08

**Links**
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/RKZ.png [2] mailto:olimjonmuhammadjon@gmail.com